# ТАВЗЕҲНОМА

## ба лоиҳаи Дастурамали №_____ “Оид ба тартиб, муҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад”

Лоиҳаи Дастурамали №_____ “Оид ба тартиб, муҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад” бахри мушаххас намудани муқаррароти умумии конунгузорӣ дар самти тартиб, муҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод шавад, таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии Дастурамали мазкурро қисми дуюми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» муқаррар менамояд.

Зарурияти қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқии зикршуда пеш аз ҳама дар он аст, ки гарчанде Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” мафҳум, тартиб, асосҳои ҳуқуқии ташкилу нигоҳ доштан ва ошкор кардани таърихи қарзро муайян намуда, хусусиятҳои ташаккул, аз нав ташкил кардан, барҳам додани Бюрои таърихи қарз, принсипҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни низоми ташаккули таърихи қарзро мукаррар сохта, муносибатҳои дар ин соҳа ба миён омадаро ба танзим дарорад ҳам, вале то ба айни ҳол меъёрҳои вобаста ба тартиб, муҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод шаванд, мавҷуд нестанд.

Бинобар ин, ҷиҳати таъмини Бонки миллии Тоҷикистон бо маълумоти мукаммал ва боэътимод дар бораи фаъолияти Бюрои таърихи қарз, таҳия ва қабули Дастурамали мазкур ба миён омадааст.

Дар сурати қабул гардидани Дастурамали мазкур чараёни таъмини Бонки миллии Тоҷикистон бо маълумоти мукаммал ва боэътимод дар бораи фаъолияти Бюрои таърихи қарз, таъмин гашта, ҷараёни танзим ва назорати фаъолияти Бюрои таърихи қарз барои дастгирии суботи низоми бонкӣ, ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон ва қарздеҳон ба роҳ монда мешавад.

Дастурамалӣ мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин

Бюроҳои таърихи қарз ва бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ таҳия гашта, он заминаи ҳуқуқӣ барои ноил шудан ба сатҳи дурусти дастрасӣ ба ҳадафҳои асосии мақоми ваколатдор дар самти танзим ва назорати фаъолияти БТҚ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва махсусан дастгирии суботи низоми бонкӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон ба ин васила таъмини сатҳи баланди амнияти иттилоотӣ ва дастрасии субъектони таърихи қарз ба иттилоот муҳайё мегардад.

Қабули лоиҳаи дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Муовини Раис Шарифзода Ф. Ҳ.